Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Холов Тоҷиддин Азизулоевич дар мавзӯи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки аз рӯйи ихтисоси: 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод шудааст.**

Мушкили муҳимтарини кишоварзии обёришаванда дар вилояти Хатлон ва ҳалли мушкилоти соҳаро метавон набудани маблағҳои кофии буҷети маҳаллӣ барои рушди устувории кишоварзии обёришаванда эътироф кард. Ин ҳолат вобастагӣ ва кӯшиши иловагиро барои дарёфти манбаъҳои нави маблағгузорӣ ба вуҷуд меорад, ки яке аз ҳамин манбаъҳо сармоягузорӣ мебошад.

Маҳз ҳамин масъала муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии интихобкардаи диссертантро ташкил дод.

Муаллиф ба ҳадафҳои таҳқиқоти илмӣ ноил шуда ва вазифаҳои онро иҷро намудааст.

Диссертант қайд намудааст, дар адабиёти иқтисодии ватанӣ то ҳол афкори ягона доир ба «сармоягузорӣ» вуҷуд надорад. Шумораи зиёди назарияҳо дар соҳаи дастгирии маҷмуии сармоягузорӣ бо набудани равиши ягонаи методологӣ ба арзёбии самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ шарҳ дода мешавад(С.9).

Ба андешаи сармоягузорӣ ба кишоварзии обёришаванда бо мақсади беҳтар намудани инфрасохтори обёрии заминҳои кишоварзӣ, ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои бекорхобида, баланд бардоштан ҳосилнокии замин, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, афзоиши маҷмуи маҳсулоти кишоварзии минтақавӣ ва дар натиҷа ба даст овардани фоида мебошад(С.10).

Диссертант иҷроиши нақшаи беҳсозии ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда дар вилояти Хатлонро барои солҳои 2015-2020 таҳлил намудааст. Таҳлилҳои диссертант нишон додааст, ки соли 2015 4484 га замин барои беҳтар намудани ҳолатҳои мелиоративии замин ба нақша гирифта шуда бошад, ҳамин нишондод дар соли 2020 ба 3519 га баробар гаштааст, ки 78,5 фоизи соли 2015 мебошад (С.13).

Диссертант дар асоси истифодаи формулаи самаранокии лоиҳаҳои асосии сармоягузорӣ барои беҳтар намудани сатҳи обёрии заминҳо 9 лоиҳаи аз нуқтаи назари таъминоти рушди иқтисодии вилояти Хатлон нисбатан муҳимтар ва калонтар ҳисоб намуда, натиҷаҳои онро дар ҷадвали 6 нишон додааст (С.6).

Хуб мешуд, ки муаллиф ба масъалаҳои муносибсозии тақсимоти заминҳои обёришавандаи минтақа диққати хоса медод.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Холов Тоҷиддин Азизулоевич дар мавзӯи «Нақши сармоягузорӣ дар рушди кишоварзии обёришавандаи минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
Профессори Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Хоҷаев П.Д.

734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2,
Телефон: +992(37) 234-83-46; +992(37) 234-85-46
E-mail: tguk@mail.ru; www: www.tguk.tj

Имзои Хоҷаев П.Д.-ро тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода Сироҷиддин